Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ

# Қоидаҳои истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ

Душанбе 2017

Мундарича

1. Иншоотҳои гидротехникӣ ва хоҷагии оби, нерӯгоҳҳои барқӣ, дастгоҳои гидротурбинӣ …………………..............................
2. Хоҷагии оби нерӯгоҳҳои барқӣ, таъминоти гидрологӣ ва метрологӣ………………………………………………………
3. Дастгоҳҳои гидротурбинӣ ………………………………………..
4. Таъмини техникии об ………………………………………………

## 3. Иншоотҳои гидротехникии хоҷагии об, нерӯгоҳҳои барқӣ,дастгоҳҳои барқистеҳсолкунанда

### 3.1. Иншоотҳои гидротехникӣ ва таҷҳизотҳои механикии онҳо.

3.1. 1. Ҳангоми истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ ҳолати бехатарии кори боэътимоди, инчунин кори муттасил ва самарабахши таҷҳизоту технологию – иқтисодиро таъмин карда мешавад. Дар ин маврид бояд ба таъмини эътимоднокии заҳбур (дренаж) ва сохтаи обтакягоҳҳо диққати ҷидди дода шавад.

Иншоотҳои гидротехникӣ нерӯгоҳҳои барқӣ (саддҳо, оббандҳо, обравҳо, каналҳо, нақбҳо, девороб, обпарто, оббанди тафолаи оҳан ва ғайраҳо) бояд мувофиқи талаботи лоиҳавиро оид ба мустаҳками, устувори ва истифодаи дарозмӯҳлат қонеъ гардонанд.

Иншоотҳо ва сохторҳо, ки зери таъсири фишори об мебошанд, инчунин ҷавсӣ ва таҳкурсии ва васлкунии онҳо бояд нишондодҳои лоиҳавии обнагузарони қонеъ гардонанд.

3.1.2. Дар иншоотҳои гидротехникӣ бетони бояд саривақт ҳатман ҷойҳои осебдида аз занг занӣ бетон ва аз (ҳубобпайдошавӣ) пайдоишавии ҳубобчаҳои дар оби ҷоришаванда (ҳубобпайдошавӣ), ва пайдоишавии ҷой ҳои кафида шаклтагирдиҳи аз ҳад зиёд ва дигар падидахои номусоиди ба таъсири об ва бор алокаманд, бартараф карда шаванд. Дар ҳолати заруриі бояд устувории бетон дар қитъахои ба таъсири оби полоишшуда дар минтақахои тагйирёбии сатҳи чойгиршуда санчиши устувори гузаронида шавад. Дар холати ноустуворӣ ё пастар шудани устуворӣ сохторхои иншоотхои нисбат ба мукаррарнамудани лоиҳавӣ бояд онҳо мустаҳкам кунонида шавад.

3.1.3. Мустаҳкам кардани нишебии сарбанди хокӣ ва сарбанд канализатсияи селборон бояд дар ҳолати дуруст ва коршоями бошанд. Иншоотҳои хоки, махсусан каналҳо аз резаҳои хок рехта шуда ва дар хоки регдори обгузаранда сохташуда, сарбанд, дарбанд бояд аз зарари ҳайвонот эҳтиёт карда шавад.

Бермаҳо ва каналҳои (пойгоҳ) обгузарҳо бояд аз хокрезию сангрезаҳо тоза карда шаванд ва нишебӣ теғаҳои иншоотҳои хокӣ бояд аз дарахту буттаҳо озод карда шаванд агар дар лоиҳа пешбини нашуда бошанд. Дар каналҳои обгузару обпартоҳо ва ҷойҳои заруриі бояд зинапояҳо панҷараҳо ва купрӯк бунёд карда шавад.

3.1.4.Тоза кардан аз борҳо ва сохтани кардани иншоот аз он ҷумла бандарҳо роҳҳои оҳану автомобилгард дар нишебии каналҳо, бермаҳо сарбанд ва селбандҳо ва наздик ба деворҳои такяви дар доираи

ҳисобшуда призмаи афтандаи бе асоснокии лоиҳави манъ аст. Минтақаи хатарнок бояд дар ҷояш бо аломатҳои фарққунанда нишона шуда бошад.

3.1.5. Дар қитъаҳои нишебии сарбандҳои хоки ва саддҳо ҳангоми баланд будани сатҳи обҳои (грунтовых) зеризамини, дар фонаи поёноб барои роҳ надодани яхшави ва вайроншави бояд, ки заҳбур ва ё гармкуни васл карда шавад.

3.1.6. Шабакаҳои заҳбур барои бартараф намудани обҳои полоиши бояд, ки дар ҳолати коршоям ва дуруст бошад онҳо бояд ва бо асбобҳои обченкунӣ васл карда шаванд.

Об ба воситаи шабакаҳои заҳбур бояд, ки аз иншоот мунтазам партофта шавад. Дар ҳолати муайян намудани баровардани хок бо обҳои полоиши, ва бартараф намудани ин ҳолат чораҳо дида шавад.

3.1.7. Суръати об дар каналҳо бояд тавре бошад, ки ба шустушӯи нишеби ва поёноби канал (канал) ва ҷудошавии моддаҳои яхи роҳ надиҳад, ва таъмини мунтазами об шавад. Суръатҳои баландтарин (максимали) ва (минимали) пастарин об бояд, ки мувофиқ бо шароити маҳал муайян гардад.

3.1.8. Пур кардан ва хориҷ кардани обанборҳо, ҳавзҳо каналҳо ва лулаҳои ба фишор ва тобовар ёфтани сатҳи об бояд, ки оҳиста-оҳиста (постепенно) бо суръатҳое, истиснокунандаи пайдошавии ноҷоизи фишорҳои баланд аз болои рӯибасти иншоот, лагжида фуромадани нишебиҳо, пайдошавии ковоки ва ҳолати зарбазани об дар қубурҳо суръатҳокии имконпазири холи ва пуркуни бояд дар дастурамали маҳалли, қайд карда шавад.

Ҳангоми гузаронидани обхезиҳои баланд селборон пуршавии ва хоки обанборҳо бо истифодаи ҳама иншоотҳои обгузарони (гидроузел) на зиёда аз ҳисобу китоби сатҳи ҳаддӣ иҷозат дода шавад.

Дар ҳолати паст будани ҷориши об ба обанборҳо то сатҳи тамбавии дар муҳлати кутоҳтарини техникӣ коркард карда шаванд.

3.1.9. Дар вақти истифодабарии қубурҳои фишори бояд ки:

ларзиши баланд ва кори қаноатбахши ҳама такягоҳҳоро таъмин намоянд;

таъмини кори (устувори) боэътимоди таҷҳизотҳо;

имконияти давомнок истифода бурдани қубурҳои чӯби дар ҳолати холӣ истисно карда шавад.

шабакаҳои амалкуни муҳофизати автоматикакунони, ки дар ҳолати канда шудани қубурҳо пешбини шудаанд, бояд дар ҳолати кори бошанд.

Таҷҳизотҳои ҳимоякунандаи худкор (автомати), ки баҳри ҳолатҳои канда шудани пешбини шуданд, бояд ҳамеша дар ҳолати омодаги барои фаъолият қарор дошта бошанд.

3.1.10. Дар ҳолати аз кор доштани гидроагрегат дар мавсими хунуки, оиди бартараф намудани ҳолати хатарноки истифодаи турбинаҳо ва ба вуҷуд омадани яхбанди дар девораҳои дохили қубурҳо, чораҳо қабул карда шавад.
3.1.11. Сохтҳои аэратсионӣ қубурҳои фишордиҳанда бояд, эътимоднок гарм карда шаванд ва дар ҳолатҳои заруи бо шабакаҳои гармидиҳанда васл карда шаванд. Мунтазам дар муҳлатҳои, ки дар дастурамали маҳалли нишон дода шудааст бояд ки санҷиши ҳолати сохтҳои аэратсионӣ, гузаронида шавад.
3.1.12. Қубурҳои фишордиҳандаи филизӣ ва қисмҳои филизии иншоотҳои гидротехники бояд аз зангхури ва хурдашавии абразавӣ, қисмҳои чӯбин бошад азпусидашавӣ нигоҳ дошта шаванд.
3.1.13. Бояд кори боэътимоди зичкунандаҳои дарзҳои шаклаш тағийрёбанда таъмин карда шавад.
3.1.14. Гузаронидани корҳои таркиши дар минтақаи иншоотҳои нерӯгоҳи барқӣ (тарконидани танбаҳои ях ва ғ.) бо шарти таъмин намудани бехатарии иншоотҳо иҷозат дода мешавад.

Гузаронидани корҳои таркиши дар назди иншоотҳои гидротехникӣ аз тарафи ташкилотҳои бегона танҳо бо мувофиқа ба роҳбарияти нерӯгоҳ иҷозат дода мешавад.
3.1.15. Биносози дар минтақае,ки ҳангоми сар додани об ба востаҳои ҳама иншоотҳои обпарто бо сарфи максималии оби, ҳисобшуда зери об монда мешавад манъ аст. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маълумот оиди минтақаҳои зери об монанда аз тарафи ташкилотҳои энергетикӣ хабардор карда шаванд.
3.1.16. Дар ҳар як нерӯгоҳ дар дастурамали маҳалли бояд, ки нақшаи амали коргарон дар ҳолати садамавӣ иншоотҳои гидротехникӣ тартиб дода шавад. Ва дар нақша вазифаҳои коргарон ва бартараф намудани ҳолатҳои садамавӣ, захираҳои маводҳо, воситаҳои алоқа, огоҳкуни воситаҳои нақлиёти, роҳҳои ҳаракаткуни ва ғайраҳо муайян шуда бошад.
3.1.17. Сохторҳои зидди садамавӣ, воситаҳои обпартоҳо, аз об (ғарқшавӣ) озодкунӣ бояд дуруст, коршоям ва доимо барои амал ва истифодабарӣ дар ҳолати омодаги қарор дошта бошад.
3.1.18.Барои бартараф намудани ҳолатҳои садамавӣ, бароварда бурдани боқимондаҳои сел дар роҳи ҷоришии дарё ва дар ҷоҳҳои оббурда ҳангоми зарурат бояд корҳои кухию- мелиоративӣ гузаронида шаванд. Қитъаҳои роҳгузар ба ҷои селрпатоҳоки аз каналҳо мегузаранд ва худи селпартоҳо аз руи зарурат тоза карда шаванд.

3.1.19. Таъмири асосии иншоотҳои гидрогтехникӣ бояд вобаста аз ҳолати онҳо, ки барои кори нерӯгоҳи баркӣ монеъа пеш наоранд, интихобӣ гузаронида шавад.
3.1.20. Вйроншавии иншоотҳои гидротехникӣ, ки барои аҳоли ва таҷҳизотҳо хавфнок мебошанд, бояд ки фавран бартараф карда шаванд.
3.1.21. Назорати доими иншоотҳои гидротехникӣ бояд, ки воситаи асосӣ барои баҳодиҳии ба ҳолат ва шароити кори онҳо бошанд.
3.1.22. Назорати бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ бояд мувофиқи «Низомномаи дар бораи шабакаҳои соҳавии назорати бехатари иншоотҳои гидротехники нерӯгоҳҳои баркӣ» гузаронида шаванд.

Масъулиятро барои назорати иншоотҳои гидротехникӣ, сари вақт ошкор намудани ҳолати садамавӣ, коркард ва иҷро намудани чорабиниҳои бартарафсозии онҳо бояд дар давраи сохтмон то пурра ба истифодабари қабул намудани гидроузели сохтмонаш тамомшуда – ташкилоти сохтмонӣ (пудратчии кӯл), дар давраи истифодабарӣ – нерӯгоҳи баркӣ баранд.
3.1.23. Ҳагоми ба истифода додани иншооти гидротехникӣ ба фармоишгар бояд дода шаванд:

асбобҳои назорати ченкунӣ АНЧ (КИА) ва нишондодҳои назорати бо ёрии он дар давраи сохтмон - ташкилоти сохтмонкунанда;

маълумотҳои таҳлилии натиҷаи назорати ҳақиқӣ, дастурамалҳо оид ба ташкили намудани онҳо, методҳои коркард ва таҳлил бо нишон додани ҳадди ҷоиз аз рӯи шартҳои устувори ва мустаҳками иншоот, нишонди ДНЧ- ташкилоти лоиҳакашӣ.
3.1.24. Ҳаҷми АНЧ (КИА), дар иншоотҳои гидротехникӣ шинонидашаванда (васлшуда) бояд бо лоиҳа муайян карда шавад ва аз дараҷаи иншоот вобаста аст;дар иншоотҳои дараҷаҳои 3ва 4, ҳамчун қоида назорати назари (визуальный) кофи аст, АНЧ шинонда шинонда нашавад (бо истиснои сарбанди баландиаш зиёда аз 15м).

Дар давраи истифодабарии мумкин бо қарори ҷамъияти энергетикӣ АНЧ ва ҳаҷми назораткуниҳо вобаста аз ҳолати иншоотҳои гидротехникӣ тағйир дода шавад.

Дар нерӯгоҳи баркӣ бояд, (ведомость) рӯйхат ва нақшаи ҷойгиркунии ҳамаи АНЧ бонишон додани санаи шинонидашавии ҳар як асбоб ва ҳисобкуниҳои аввала; ҳолати (КИА) АНЧ бояд дармуҳлатҳои дар дастурамали маҳаллӣ нишондода санҷида шавад.
3.1.25. Дар муҳлатҳое, муқарранамудаи дастурамали маҳаллӣ ва ҳаҷми дар он пешбинишуда бояд назорати нишондодҳо ва равандҳои зерин бурда шавад:

Таҳшиншави ва ҷойгардонкунии иншоотҳо ва таҳкурси онҳо;

шаклдигаркунии иншоотҳо ва рӯйбастҳо ва дарзҳо (сурохиҳо )дар онҳо, ҳолати нишебиҳои сарбанди хокӣ, банди об каналҳо ва ҷойҳои фурӯъсрафта, қубурҳои фишордиҳанда реҷаи полоӣ дар таҳкурсиҳо ва баданаҳои иншоотҳои хокӣ ва бетони ва пайвастаҳои соҳилӣ, корҳои заҳбури ва зидди полоиши сохтҳо, реҷаи обҳои зеризамини дар минтақаи иншоот;

таъсиррасонии ҷараёни селоб ба иншоот, аз он чумла шустани мавҷгардон (водобой) ва давоми девори обгардон, таг ва соҳилҳо шуста шудан ва зангхӯриир рӯйбастаҳо, фурӯравӣ ҳодисаҳои лагжида фуромадан лойҷамъшавии ва пушида шудан (бо алаф ва ғ.) каналҳо ва ҳавзҳо;

коркардабароии соҳилҳои обанбор ;

таъсиррасониии ях ба иншоот ва яхбастани онҳо.

Дар ҳолатҳои зарурӣ бояд аз болои ларзишхурии иншоотҳо борҳои сейсмики дар онҳо, устуворӣ обнагузоронии бетон, ҳолати шиддатноки ва ҳолати реҷавии конструктсияҳо зангхурии филиз ва бетон ҳолати дарзҳои кафшершудаи конструксияҳои филизӣ ҷудокунии газ дар қитъаҳои алоҳидаи иншоотҳои гидротехникӣ ва ғайра назорат ташкил карда шаванд.

Ҳангоми тағйирёбии муҳими шароити истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ бояд аз рӯи барномаи махсус корҳои назоратӣ гузаронида шавад.

Дар дастурамалҳои маҳаллӣ бояд барои ҳар якбарои ях иншооти гидротехникӣ фишордиҳанда нишондодҳои ҳадди ҷоизи ҳолати бехатарии он бо оне, ки бояд маълумотҳои бо ёрии АНЧ гирифта шуда муқоиса карда шаванд, нишон дода шавад.

3.1.26. Дар гиреҳҳои саргаҳи ва статсионари иншоотҳо бояд нишонаи базис ва кори гузошта шавад. Меҳварҳои иншоотҳои гидротехникӣ асоси бояд бо аломатҳои навиштаҷотдошта ва алоқаманд ба нишонаҳои базиси дар ҷояшон эътимоднок ишора карда шавад. Дар такягоҳҳои душохавии қубурҳо бояд навъи муайянкунандаи ҳолати такягоҳ дар нақша аз рӯи баланди ишора карда шавад.

Дар садҳо, банди об, каналҳо, нақбҳои обҳимоякунанда ва иҳотакунанда бояд аломатҳои нишондиҳанадаи дарозии иншоотҳо, саршави, интиҳо ва радиуси давра, инчунин аломатҳои ҷои чойгиршавии зеризамини ё зериобии дастгоҳҳо, гузошта шуда бошанд.

3.1.27.Дастгоҳҳои назорати ченкунӣ (АНЧ) бояд аз вайроншави ҳимоя карда шаванд. Пезометрҳо ва ҷойҳҳои назорати бояд аз ифлосшави ва яхбандӣ эҳтиёт карда шаванд.

Аз пезометрҳо бе асосҳои кофӣ кашидани гирифтани об манъ аст.

3.1.28. Ҳамасола то саршавии обхезиҳои баҳори инчунин дар ҳолатҳои алохида ҳамчунин селбориҳои тобистону – тирамоҳи дар нерӯгоҳҳи баркӣ бояд ҳайати гурӯҳи кори ташкил карда шавад. Ҳайати гурӯҳи корӣ бояд кори иншоотҳои гидротехникӣ ва таҷҳизотҳои механикӣ онҳоро дидан намуда: дастгоҳҳои болобардорро дида ва санҷида бароянд, обгузарони селгузарониро роҳбари карда баъди гузаштани он аз нав иншоотҳоро дида бароянд.
3.1.29. Муоинаи қисмҳои дар зери оббудаи иншоотҳо, нақбҳо бояд аввал баъд аз 2 соли истифодабари ва баъдан 1бор дар 5сол гузаронида шаванд.
3.1.30. Таҷҳизотҳои механики иншоотҳои гидротехникӣ (ғалақаҳо ва иҳотаҳои муҳофизаткунанда бо механизмҳояшон) воситаҳои фосилавӣ ва худкори (автоматика) идоракунӣ ва хабардиҳандаи он ё инчунин олотҳои бардоранда ва воситаҳои нақлиётии таъиноти умуми бояд дар ҳолати коршоями ва омодаги барои фаъолият тайёр бошанд.

Бевосита пеш аз обхезиҳои баҳорӣ бояд ғалақаҳои иншоотҳои обпарто, ки ҳангоми гузаронидани оби барзиёд истифода бурда мешаванд бо мақсади таъмини тағйир додани самти ҳаракат аз бардамаи (наледей) об ва яхи соҳил озод карда шаванд.
3.1.31. Таҷҳизотҳои механики иншоотои гидротехникӣ бояд дар мувофиқа бо ҷадвали тасдиқшуда даврӣ дида баромада ва санҷида шаванд.
3.1.32. Ғалақаҳо асоси бояд бо нишондиҳандаҳои баландии кушодавии ҷиҳозонида шаванд. Механизмҳои бардорандаи фардӣ ва қисмҳои гузошташавандаи ғалақаҳо бояд ба нишонаҳо (репер) базиси вобаста шуда бошанд.
3.1.33. Ҳангоми бо ғалақаҳо тағйирдиҳии ҳолати онҳо (ғалақаҳо) бояд ин амал бе монеа, бе телбағӣ ва ларзиш, ҳангоми дуруст будани ҳолати қисмҳои такягоҳи иҷро карда шавад. Бояд обнагузарони ғалақаҳо, дуруст шинондани онҳо дар даромад ва зич ҷафс будани онҳо ба контури такявӣ таъмин карда шавад. Ғалақаҳо ҳангоми кори зери фишорбуда набояд каҷӣ ва тағйири шакл дошта бошанд.

Будани ғалақахо дар ҳолатҳое, ки ларзиши баланди ғалақаҳо конструксияи иншоотҳои гидротехники пайдо мешавад, манъ аст.
3.1.34. Пурра маҳкам кардани ғалақаҳои дар қубурҳои фишордиҳанда шинонда (васл) шуда, мумкин танҳо дар ҳолати дуруст ва коршоям будани сохторҳои аэратсиони, гузаронида шавад.
3.1.35. Дар ҳолатҳои зарурӣ бояд гармкунаки ё гарм кардани роғҳои сохтҳои такявӣ ва фосилавии ғалақахо, панҷараҳои дорандаи ифлосиҳо, ки барои кор дар давраи зимистон таъин шудаанд, таъмин карда шавад.

3.1.36. Барои ҳар як нерӯгоҳи барқӣ бояд аз рӯи шартҳои устуворӣ ва камхарҷӣ бузургии ҳаддии паст шудани сатҳ дар панҷараҳои ифлосидоранда муқаррар карда шавад.
3.1.37. Таҷҳизотҳои техникӣ бояд аз зангхӯрӣ ва сабзидани обсабзаҳо муҳофизат карда шаванд.

## 3.2. Хоҷагии оби нерӯгоҳҳои барқӣ, таъминоти гидрологӣ ва метрологӣ

3.2.1. Ҳангоми истифодабарии хоҷагии оби нерӯгоҳҳои обӣ – барқӣ бояд истифодаи пурраи энергияи ҷараёни об ва иқтидори муқарраршудаи гидроагрегатҳо, дар ҳолати барои системаи энергетикӣ муносиб будани иштироки нерӯгоҳҳои обӣ- барқӣ дар маҳкам (пурра) кардани ҷадвали бор, таъмин карда шавад.

Ҳангоми истифодабарии ҳоҷагии оби нерӯгоҳҳои гармӣ- барқӣ бояд таъмин бошанд: мутассил ва ба миқдори зарурӣ додани оби хунуккунанда, танзим намудани реҷаи ҳарорат бо мақсади нигоҳ доштани норасоии иқтисодӣ ва пешгирӣ намудани ифлосшавии конденсаторҳо ва обдароҳои даврзананда. Ҳамзамон бояд талаботҳои соҳаҳои хоҷагии халқи ғайриэнергетикӣ (нақлиёти обӣ, обёрикунӣ, хоҷагии моҳидорӣ, таъминотӣ об) ва шароити муҳофизати табиат ба назар гирифта шавад.

Барои нерӯгоҳҳои барқӣ, ки обанборҳои танзимкунандаи резиши об доранд, бояд мувофиқи тартиби муқарраршудаи «Қоидаҳои истифодабарии обанборҳо» таҳия ва тасдиқ карда шаванд.
3.2.2. Барои нерӯгоҳҳои барқӣ обанбори истифодабарии маҷмӯи дошта (комплективный) бояд нақшаи хоҷагии об, ки ҳаҷми моҳонаи истифодакунандагони гуногунро муқаррар менамояд, тартиб дода шавад. Нақшаи хоҷагии об бояд дар ҳар як семоҳа ва ҳар моҳ бо назардошти пешгӯии ҷоришавии об аз тарафи хадамотҳои минтақавии гидрометрологӣ аниқ карда шавад.

Ҳангоми дар системаи энергетикӣ мавҷуд будани яканд нерӯугоҳҳои обӣ-барқӣ ё силсилаи нерӯгоҳҳо танзими ҷоришавии об бояд тавре гузаронда шавад , ки бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи дигар истифодабарандагони об, фоидаи калонтарини маҷмӯии энергетикӣ(сузишвори) ба даст оварда шавад.
3.2.3. Реҷаи эҳтимолии бозмонии истифодаи обанбор пеш аз обхезӣ ва пуркунии минбаъдаи он, бояд таъмин намояд:

пур кардани обанбор дар давраи обхезӣ то сатҳи зарурӣ;

майлкунӣ аз ин қоида танҳо дар ҳолати талаботи махсуси маҷмааи хоҷагии об ва барои обанбори танзимии бисёрсола, ҷоиз мебошад;

шароити мусоид барои ба воситаи иншооти ях ва оби зиёдати партофтан, инчунин барои гузаронидани обовардҳо;

шароит барои киштигардӣ, хоҷагии моҳидорӣ, обёрикунӣ ва обтаъминкунӣ;

фоидаи калонтарини энергетикӣ (сӯзишворӣ)-и системаи энегетикӣ ҳангоми роия намудани маҳдудкунандаи бо истифодабарандагони ғайриэнергетикӣ мувофиқашуда;

танзими хароҷотҳои партофаҳо бо назардошти талаботҳои бехатарӣ ва кори боэътимоди иншоотҳои гидротехникӣ ва мубориза бо обхезиҳо.

Ҳамаи талаботҳои истифодабарандагони ғайриэнергетикӣ, ки реҷаи истифодашави ва пур кардани обанборҳоро маҳдуд мекунанд, барои иҷро ҳангомӣ танзимкунии ҷоришавӣ бо гидроузелҳои энергетикӣ ҳатмӣ мебошанд, бояд байни ҳам мувофиқа шуда, ба «Қоидаҳои истифодабарии обанборҳо » дохил карда шаванд.

3.2.4.Ташкилоти лоиҳасозӣ то лаҳзаи баистифодабарӣ қабул намудан бояд: «Қоидаҳои истифодабарии обанборҳо»; тавсифоти иншоотҳои обгузароненда (обпартоянда)-и бо ташкилотҳои дахлдор мувофиқашударо ба дирексия диҳад.

Баробари ҷамъ шудани маълумотҳои истифодабари ин қоидаҳо тавсифот бояд аниқ ва пурра карда шаванд.

3.2.5. Гузаронидани (сар додани) об ба воситаи иншоотҳои обпарто бояд мувофиқи нишондоди дастурамали маҳаллӣ амалӣ карда шавад, вале набояд ба вайроншавии иншоот, инчунин шустани таг,ки метавонанд ба устувории иншоот таъсир кунад, оварда расонад.

3.2.6. Тағйирдиҳии сарфи об ба воситаи иншоотҳои обпарто бояд оҳиста – оҳиста, бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии мавҷ дар сатҳҳо (бъефҳо), гузаронида шавад. Суръати тағйирдиҳии сарфи об бояд аз рӯи шароити маҳал муайян карда шавад. Дар бораи якбора тағйирёбии пешбинишудаи сарфи об бояд пешакӣ ташкилотҳои маҳалли Гидрометрологӣ хабардор карда шавад.

Суръати тағйирдиҳии сарфи об воситаи гидротурбинаҳо ба тариб дароварда намешавад ва огоҳкунии пешакӣ дар бораи ин тағйирот хамчун қоида, дода намешавад.

3.2.7. Дар нерӯгоҳҳои обӣ –барқӣ, дар онҷо, ки барои гузаронидани сарфи максималии ҳисобу китобкардаи об дар лоиҳа истифодаи иншоотҳои обгузаронии ба дигар идора тааллуқдошта (масалан,шлюзаи киштигузар), пешбинӣ шудааст,бояд дастурамали ба ин идора мувофиқашудаи

муайянкунандаи шартҳо ва тартиби амали фаврии бакордарории иншоот дода шавад.
3.2.8. То фаро расидани ҳарорати манфии ҳавои беруна ва пайдо шудани ях, бояд яхпартоҳо ва таҳшинкунандаҳо таъмир карда шаванд, сохтҳои обқабулкунанда ва каналҳои обпарто, панҷараҳо ва роғҳои ғалақаҳо аз хасрезаҳо ва чӯбҳои ғарқшуда тоза карда шаванд, инчунин дастгоҳҳои гармкунандаи панҷараҳо ва роғҳои ғалақаҳо ба кор омода карда шуда, хабардиҳандаҳои яхбандӣ ва микротермометрҳо аз санҷиш гузаранд.
3.2.9.Қад-қади иншоотҳо, ки барои фишори майдони яклухти яхбандӣ ба ҳисоб гирифта нашудаанд, бояд ҷои яхбандинашаванда соз карда шавад,ки дар давраи зимистон ҳолати аз яхбанди озодро нигоҳ дорад.
3.2.10. Барои мубориза бо коша (яхи тунуки рӯи об) дар сатҳҳои боло ва обанборҳои дарёҳо, ки пӯши устувори ях доранд,бояд чораҳои мусоиди ба зудӣ ба вуҷуд овардани яхбандиро гузаронанд: доимӣ, аз рӯи имконият нигоҳ доштани сатҳи об дар нишонаҳои баландтарин ва сарфи доимии об барои нерӯгоҳи обӣ-баркӣ бо сарфи камтарин ба воситаи гидроагрегатҳо ва насосҳо.

Дар ҳолати зарурӣ пурра аз кор монондани нерӯгоҳи обӣ-баркӣ, иҷозат дода мешавад.
3.2.11. Дар дарёҳое, ки пӯши яхин ташкил намеёбад, коша бояд ба воситаи турбинаҳои нерӯгоҳи обӣ -баркӣ (бо истинои белдорҳо) гузаронида шавад,ҳангоми набудани ин имконият ғайр аз турбинаҳо боз ба воситаи яхпартоҳо бо миқдори камтарини об, иҷро карда шавад. Тартиби партофтани коша бояд бо дастурамали маҳаллӣ муайян карда шавад. Ҳангоми мавҷуд будани обанборҳои калон бояд коша дар сатҳи болоӣ ҷамъ карда шавад.
3.2.12. Реҷаи кори каналҳои нерӯгоҳҳои обӣ –баркӣ дар давраи ҳаракати ях бояд мунтазам ҷоришавии обро бе ба вуҷуд омадани яхпораҳои болои обро маҳкамкунанда ,таъмин кунад.

Вобаста аз шароити маҳал реҷаи канал бояд ё ба таври транзити яхпораҳо ба дарозии ҳамаи роҳ ё онро бо роҳи ҷамъкуни таъмин кунад.

Ҷамъ кардани яхпораҳо дар таҳшинкунандаҳо (бо баъдан шуста тоза кардан) ва ҳавзаҳои шабонарӯзи танзимшаванда.

Ҳангоми барои истифодабари тайёр намудани каналҳо дар давраи зимистон дар реҷаи транзити яхпораҳо, бояд сохтҳои сусткунандаи ҷараёни об (панҷараҳо, бандҳо ва ғайра) гирфта шаванд.
3.2.13. Пеш аз яхбандӣ ва дар давраи яхбандӣ бояд мунтазам на кам аз 1 бор дар шабонарӯз андозагирии ҳарорати об дар қитъаҳои обгирҳо барои пайдо намудани аломатҳои хунукшавии аз ҳад зиёди он, ташкил карда шавад. Тартиби пайваст намудани системаи гармкуни ва асбобҳо

барои аз ях тоза кардани панҷараҳо бояд бо дастурамали маҳаллӣ муайян карда шавад.
3.2.14. Агар чораҳои дидашуда (гармкунӣ, тозакуни) яххои дар панҷара маҳкамшударо бартараф накунанд ва хатарнокии фишор дар онҳо пайдо шавад, бояд бо навбат барои тоза кардани панҷараҳо қатъ кардани кори турбинаҳо ё насосҳо гузаронида шавад. Ба воситаи гидротурбинаҳо гузаронидани яхпораҳо бо қисман ё пурра гирифтани панҷараҳо, дар ҳар як ҳолат, бо асоснокии техникӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат бояд чораҳои таъминкунандаи кори мунтазами системаи техникии обтаъминкунӣ қабул карда шаванд.
3.2.15.Гузаронидани ях ба воситаи ҷои дарғот (банд)-и иншоотҳои гидротехникӣ бояд ҳангоми истифодабарии калонтарини фронти яхгузаронӣ бо таъмин намудани қабати кофии об дар даромадгоҳи сурохҳои яхпорто, иҷро карда шавад.
Дар давраи яхравӣ , ҳангоми таҳдиди ташкилёбии бандшавии ях ва барои иншоот хатарнок будани зарбаи миқдори калони ях, бояд дидгоҳҳои муваққатии назоратӣ ташкил карда шуда, чораҳои бартарафсозии монеаҳо ва вайрон кардани майдони яхбаста ба воситаи тарконидан ё бо ёрии яхшиканҳо қабул карда шаванд.
3.2.16. Барои обанбор, ҳавз ё канали босуръат бо лой ва таҳшинҳо пуршаванда бояд дастурамали маҳаллии истеҳсолии мубориза бар зидди обовардҳо тартиб дода шаванд.

Дастурамал бояд аз тарафи корманди истифодабарандаи масъул барои ҳолати техникии иншооти оби тартиб дода шуда, бо мақомоти маҳаллӣ Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда бошад. Дар ҳолати зурурӣ барои тартиб додани дастурамал бояд ташкилотҳои лоиҳакашӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва танзиму корандоз ҷалб карда шаванд.
3.2.17. Барои кам кардани лойқанокшавӣ бояд таъмин карда шавад:

нигоҳ доштани ҳамин гуна реҷаҳои кори нерӯгоҳи барқӣ, ки имиконияти бе монеаи (транзити) калон шоришҳои сахти дохилшавандаро таъмин мекунанд;

гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, ки вайроншавии соҳилҳоро бартараф мекунанд;

гирифтани обовардҳои таҳшиншуда.
3.2.18. Гузаронидани обхезӣ бояд ҳангоми имконияти камтарини сатҳи оби обанбор дар ҳудуди призмаи лоиҳавии танзимкуни, агар ин ба истифодабарандагони об дигар зарар нарасонад ,амали карда шавад.Дар ин ҳолат бояд пуркунии минбаъдаи обанбор таъмин карда шавад.Пур

кардани обанборҳои лойқагирифта бояд аз рӯи имконият дар муҳлати нисбатан дертари паст шудани обхезӣ, гузаронида шавад.

Барои обанборҳои шабонарӯзи танзимшаванда бояд речаи ҳаррӯзаи бакордароии сатҳ то камтарин нишонаи имконпазир пешбинӣ карда шавад.

3.2.19. Барои бартараф намудани лойқаи обанбор, сатҳҳо ҳавзҳо ё каналҳо бояд: шуста тоза кардани сатҳҳо, обанбор,даромадҳои обақбулкунакҳо, софкунии об дар таҳшинкунакҳо, гузаронидани чорабиниҳои речавӣ, истифодаи корҳои соҳилмустаҳкамкуни ва сохтҳои обовардгирҳо ё бартарафкунии обовардҳо бо воситаҳои механики, таъмин карда шавад.

3.2.20. Дар давраҳое, ки ҷориши табии дар дарё пурра барои истеҳсоли энергеяи барқ сарф намешавад, оби зиёдати бояд барои шустани даромади асбобҳои обқабулкуни истифода бурда шавад.

3.2.21. Дар ҳолати мавҷуд будани имконияти дар иншоотҳои обқабулкунанда афтидани обовардҳо ва дар назди даромади обқабулкунак ҷамъшавии онҳо бо иҷозати ҷамъияти энергетики бояд тозакуни бошиддат ва кутоҳмуддати онҳо гузаронида шавад.

Ҳангоми набудани имконият ё каммаҳсул будани тозакуни, баровардани обовардҳо, бояд бо ёрии механизмҳо иҷро карда шавад.

Шустани иншоотҳои обгир ҳангоми бе сад будани обгир мумкин бо сохти маҳаллӣ тангкунандаи ҷараён об бо мақсади он, ки таҳшинҳои обовардаҳо зери таъсири суръати баланди об шуста шаванд,амалӣ карда шавад.

3.2.22. Назорат аз болои обанбор ва аз обовардҳо тоза кардани он, бояд дар мувофиқа бо « Қоидаҳои истифодабарии обанборҳои лойқашавандаи ғунҷоиши хурд ва миёна» ташкил карда шавад.

3.2.23. Каналҳо дар давраи ба онҳо воридшавии оби бисёр лойолуд, бояд наздик ба речаи доими, бо имконияти сарфи калони об, ки суръати зарури иҷоришавии барои бе монеа ( транзити)гузаштанро таъмин мекунад, кор кунанд.

3.2.24. Таҳшинкунакҳои нерӯгоҳи барқӣ бояд барои соф кардани об доимо истифода бурда шаванд. Хомуш кардани таҳшинкунакҳо ё хоначаҳои алоҳидаи онҳо барои таъмир, танҳо дар даврае, ки об миқдори ками обовардҳоро меорад ва аз олудаҳои барои хурдашавии турбин ва таҷҳизотҳои дигари хатарнок озод мебошад, иҷозат дода мешавад.

3.2.25. Дар ҳар як нерӯгоҳи барқӣ, дар обанборҳое, ки таҳшини торфи доранд ,бояд гирифтани торфҳои рӯи оббаромада болотар аз ҷои дарғоти иншоотҳои обгир ва обпарто, хусусан дар ҷойхои рӯи оббаромда

,ташкил карда шавад. Торфи гирифта шуда бояд ба халиҷ, ҷои оби пастдошта карда оварда шуда ,боэътимод маҳкамкарда шавад.

3.3.26. Ба вазифаҳои таьминоти гидрологи ва метрологии нерӯгоҳи барқии дохил шаванд:

гирифтани маьлумотҳои гидрологи ва метрологи барои бурдани реҷаҳои оптималии кори нерӯгоҳи барқии, ба нақшагирии истифодабарии захираҳои оби ва ташкили истифодабарии дурусти иншоотҳои гидротехники ва обанборҳо;

назорати истифодабарии захирахои оби дар неругоҳҳои барқи;

гирифтани маьлумотҳо барои танзимкунии ҷоришавии об, гузаронидани оби изофави ва обхези ташкили гузаронишҳои ирригатсиони, навигатсиони ва санитари таьмини хароҷотҳо барои об таьминкуни ва ғайра

гирифтани маьлумотҳо дар бораи шароитҳои гидрометеорологии барои сари вақт кабул намудани чораҳои бартарафкуни ё камкунии зарари ҳодисаҳои фавқулода

3.2.27. Нерӯгоҳҳои барқӣ бояд мунтазам аз макомотҳои давлатии гидрометеорологи маьлумотҳои зеринро гиранд;

маълумотҳо дар бораи ҷараёни оби истифодашаванда (сарф, сатҳ ва ҳарорати об, ҳодисаҳои яхбанди, обовардҳо)

мувозинаи оби обанбори танзими бисёрсола, яксола ва мавсими

маълумотхои метеорологи (харорат ва намии ҳаво, миқдори боришот қувва ва самти ҳаракати шамол, ташкил ёфтани яхчабанди, огоҳиҳои туфони)

пешгуиҳои гидрологи ва метеорологии барои истифодабарии нерӯгоҳҳои барқӣ зарур;

Дар ҳолатҳои зарури нерӯгоҳҳои барқи бояд аз мақомотҳои давлатии гидрометеорологи нишондодҳои физики кимиёви ва гидробиологии обҳо, маьлумотҳо дар бораи дараҷаи ифлосшавии онҳо, инчунин маълумоти таъҷили дар бораи якбора тағйирёбии ва ин дараҷаро гиранд.

3.2.28 Ҳаҷм ва муҳлати додани пешгуиҳо ва огоҳкунихои гидрологи ва метеорологи дар бораи ҳодисаҳои хатарнок бояд якҷоя бо макомотҳои дахлдори давлатии гидрометеорологи барои ҳар як неругоҳи барқӣ ҷамъиятҳои энергетики муқарар карда шуда бошад.

пешгӯиҳо ва ҳодисаҳои воқеии гидрологӣ ва метеорологӣ бояд дар нерӯгоҳҳо ба қайд гирифта шуда бошанд.

3.2.29. Дар нерӯгоҳҳои барқӣ дар муҳлатҳои муқарар намудани дастурамали маҳаллии бояд назорати нишондиандаҳои зерин ташкил карда шаванд;

сатҳҳои об дар сатҳҳои иншоотҳои оббанд ва дар иншоотҳои обгир дар каналҳо;

сарфҳои оби аз иншоотҳои гидротехники гузаронида шуда ва барои таҷҳизотҳои технологӣ истифодашаванда;

реҷаи яхбандии обравҳо (обанбор, ҳавз, дарё) дар наздикии иншоотҳо;

мавҷуд будани обовардҳо ва таҳшиниии онҳо дар обанборҳои бошиддат лойқашаванда;

ҳарорати об ва ҳаво;

нишондодҳои сифати оби истифодашуда ё партофташуда ( аз рӯи шароитҳои маҳаллӣ);

Дастурамали маҳаллии назорати гидрометеорологи дар неругоҳҳои барқи бояд бо ташкилотҳои Гидрометеорологӣ мувофиқа карда шавад.

3.2.30. Неругоҳҳои обӣ-барқӣ бояд чориши миёнаи шабонарӯзии (сарфи) оби ба воситаи дарғоти онҳо гузаронандаро пурра муайян кунанд.

Ба ҳисобгирии ҷориши об дар дарвоза, дарё ва иншоотҳои дигари дар таркиби худуди фишордиҳандаи гидроузелҳои энергетикӣ буда, бояд аз тарафи кормандони истифодабарандаи ин иншоотҳо иҷро карда шавад ва мълумотҳо барои дохил намудани онҳо ба ҳачми умумии ба ҳисобгирифтаи ҷориши об ба нерӯгоҳи барқӣ дода шавад. Маьлумотхо дар бораи сарфи ҳамарӯзаи об бояд ба мақомотҳои давлатии гидрометереологӣ хабар дода шавад.

3.2.31. Сарфи миёнаи шабонарӯзии оби истифода кардаи нерӯгоҳҳои барқӣ бояд аз рӯи нишондодҳои сарфсанҷҳо (расходометр) муайян карда шавад;

ҳангоми мавҷуд набудани асбобҳои обсанҷ муваққатан то шинондани асбобҳои нишон дода шуда ҷориши об мумкин аз рӯи тавсифоти восанҷии таҷҳизоти технологи ва дигар методҳои имконпазир, ба ҳисоб гирифта шавад.

3.2.32. Дар ҳамаи обанборҳои амаликунандаи танзими ҷориши об, бояд ба ҳисобгирии ҳаршабонарӯзии ҷараёни об бадарғоти гидроузелҳо аз рӯи маълумотҳои ҳудудии мақомоти давлатии гидрометереологи, ташкил карда шавад.

3.2.33. Сатҳи сатҳхои болои ва поёнии нерӯгоҳҳои оби барқӣ ва 3-фишори гидротурбинҳо, инчунин афтиши фишор дар панҷараҳо, бояд бо асбобҳои интиколдиҳандаи фосилавии додани нишондодҳо ва ба лавҳаи идоракунии андозагири карда шавад.

3.2.34. Асбобҳои барои андозагирии сатҳи об дар сатхҳо ва афтиши фишор дар панҷараҳо бояд 2 бор дар як сол ва баъд аз гузаштани обхезиҳо, санҷида шаванд.

Дар атрофи тахта ва поя ях бояд шикаста пора карда шавад; дар давраи зимистон бояд дидбонгоҳҳо худ ба худ гарм карда шаванд.
3.2.35. Дар обанборҳо-хунуккунандаҳо бояд назорат аз болои сифати об ташкил карда шавад ва дар ҳолатҳои зарури бояд барои бартараф намудани ифлосшавии онҳо аз чоришҳои саноати ва маиши, ки ба вайронкунии меъёрҳои санитарӣ ифлосшавӣ ва зангхӯрии таҷҳизот меоранд чораҳо андешида шавад.

## 3.3. Дастгоҳҳои гидротурбиниӣ

3.3.1. Ҳангоми истифодабарии дастгоҳҳои гидротурбини бояд кори муттасили онҳо бо баландгирии имконият барои дода шуда, бо фишори амалкунандаи зариби амалии фоиданок таьмин карда шавад.Таҷҳизоти нерӯгоҳи обӣ- барқӣ бояд ҳамеша ба бори калонтарини (максималии) дар ихтиёраш буда омода бошад.
3.3.2. Гидрогенераторҳои дар истифода ва таҷҳизотҳои ёрирасон бояд пурра автоматикунонида шуда бошанд .Бакорандозӣ дар реҷаи генератор ва реҷаи компенсатори, синхрони, аз реҷаи генератори бо реҷаи компенсатори, синхрони гузаронидани гидроагрерат аз реҷаи генератори ба реҷаи компенсатори синхрони ва баръакс бояд як нуқтаи (импулс) фармондиҳи амалӣ карда шаванд.
3.3.3. Гидроагрегатҳо бояд ҳангоми пурра кушодани ғалакаҳои дар обдарои турбини шинондашуда кор кунанд; ҳадди кушодашавии дастгоҳҳои гидротурбинаҳо на зиёда аз бузургии бо бори калонтарини гидроагрегат барои ҳамин фишор ва баландии фурубари бошад.
3.3.4. Гидроагрегатҳои эҳтиёти бояд барои фавран худ ба худ (автоматики) ба кор даромадан омода бошанд. Гидроагрегатҳо бояд ҳангоми пурра кушода будани ғалақаҳо сурохиҳои обқабулкунанкҳо ва маҳкам будани дастгоҳҳои самтдеҳ, зери фишори пурра бошанд. Дар неругоҳҳои оби барқии баландфишор, ки ғалақаи пеш аз турбина доранд, ҳангоми аз кор бозистодани гидроагрегат бояд маҳкам ва қубурҳои фишор аз об пур бошанд.
3.3.5. Барқ истеҳсолкунандаҳои дар реҷаи компенсатори синхрони коркунанда бояд барои фавран худ ба худ ба реҷаи генератори гузаштан тайёр бошанд.
Ҳангоми кори гидроагрегат дар реҷаи компенсатори синхрони чархи кории турбинаҳо бояд аз об озод бошанд.
3.3.6. Гидроагрегатҳо бояд дар реҷаи танзимкунии худ ба худи бо самади чархзани бо статизми дода шуда кор кунанд. Гузаронидани танзимкунандаи гидротурбина ба реҷаи кори дар маҳдудкунандаи

кушодашавии ё бо идоракунии дасти дар ҳолатҳои махсус (фавқулодда) бо иҷозати сармуҳандиси нерӯгоҳи обӣ- барқӣ ва бо мувофиқаи танзимгари системаи энергетики иҷозат дода мешавад.

3.3.7 .Ҳангоми истифодабарии танзимкунандаи худкори гидроагрегат бояд таьмин карда шавад:

бакорандози ва азкорбозмонии худбахуд ва дастии гидроагрегат;

кори устувори агрегат дар ҳамаи реҷаҳо;

иштирок дар танзимкунии басомад дар системаи энергетики бо қиёсгираки статизм ва ҳадди минтақаи мурда (мёртвая зона) аз рӯи басомади додашудаи ҷамъияти энергетики;

ҳамвор (бе теладиҳи ва зарбаи об дар равганборҳо тағйирдиҳии узвҳои танзимкунанда ҳангоми тағир ёфтани иқтидори гидроагрегат;

ичро намудани кафолати танзимкуни

тағйирёбии худбахуди маҳдудияти кушодашавии калонгирии дастгоҳи самтдеҳ вобаста ба фишор;

тағйирдиҳии худбахуд ва дастии вобастагии комбинатори оид ба фишор (барои гидротурбинаҳои тобхурандаи таррагӣ).

3.3.8. Ҳангоми дар нерӯгоҳи обӣ- барқӣ мавҷуд будани системаи гуруҳии танзимкунии тавоноии фаьол (ГТТФ) вай бояд доимо дар кор бошад. Хомӯш кардани системаи ГТТФ дар ҳамон ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки агар танзимкунии гуруҳии агрегатҳо аз рӯи шартҳои реҷавӣ кори нерӯгоҳи обӣ-барқӣ ғайри имкон бошад.

3.3.9. Ба кор даровардани гидроагрегат манъ аст:

ҳангоми фишор, ки аз доираи қимматхои ҷоизи муқаррар кардаи корхонаи истеҳсолкунандаи гидротурбина берун мебарояд;

ҳангоми вайрон будани ҳар кадом ҳимояи ба азкормонии таҷҳизот тасиррасонанда;

ҳангоми нуқсон (деффект) доштани системаи идоракунии гидроагрегат, ки дар натиҷаи он кафолати танзим ва идоракунии муътадили гидроагрегат таъмин карда намешавад;

ҳангоми вайрон будани асбобҳои идоракунии фосилавии ғалақаҳои садамави, клапанҳои вайронкунандаи вакуум ва сардиҳии холии (холостых выпусков) системаи боздошти гидроагрегат;

ҳангоми паст будани сифати равған нисбат ба меъёрҳои равғани истифодабари ва ҳангоми паст будани ҳарорати равған нисбат ба ҳудудҳои муқаррар намудаи дастурамалҳои корхонаи истеҳсолкунанда;

ҳангоми паст будани сатҳи равған дар пошнадонҳо ва ғилдиракҳои зарфирезанда ва деги равғану ҳавоии дастгоҳи равғанфишор (ДРФ) нисбат ба камтарини муқаррарнамудаи дастурамалҳои корхонаи истеҳсолкунанда;

3.3.10. Гидроагрегати коркунанда бояд бо амали ҳимоя ё корманд дар ҳолатҳои зерин фавран аз кор боздошта шавад:
а) сухтор дар генератор;
б) паст шудани фишори равған дар системаи танзимкуни аз меъёри ҷоиз;
в) паст шудани фишори равған дар пошнадон ғилдиракҳо ва деги равғану ҳавои поёнтар аз минимуми муқаррар шуда;
г) баланд шудани ҳарорати сегментҳои ғилдиракҳалка ва пошнадони гидроагрегат зиёда аз меьёри ҷоиз;
д) қатъ шудани додани об барои молидани камкунии соиши ғилдиракҳалқаи турбинави;
е) баланд шудани басомади чархзании ротор гидрогенератор зиёдтар аз бузургии муқаррар намуда корхонаҳои истеҳсолкунанда;
ж) канда шудани симтанобҳои алоқаи баръакс дар сиситемаи танзимкунии;
з) аз кор баромадани системаи идоракунии парраҳои гидротурбина, тобхурии парраги ё тағйирдиҳандаҳо фавораи турбинаҳои кафлезӣ
Ғайр аз ин гидроагрегат бояд фавран дар ҳолатҳои дар дастурамали маҳалли баён шуда аз кор боздошта шавад.
3.3.11. Гидроагрегат бояд дар мувофиқа бо сармуҳандиси нерӯгоҳи оби барқӣ дар ҳолатҳои зерин камбор ё аз кор бозмонда шавад:
а) ошкор шудани вайронии ҳимояҳои технологи;
б) вайронии кори системаи кори танзимкуни
в) пайдо шудани тарак-турук ва садои ғайримуқаррари дар қисми ҷори шавии оби гидротурбина ё дар дохили генератор;
г) зиёд шудани задани наварди гидроагрегат ва ларзиши бандҳои гидроагрегат, қубури равғангузар ва забонакҳои системаи танзимкуни;
д) баландшавии сатҳи об дар сарпӯши турбина зиёда аз қиммати ҷоиз ҳангоми аз кормони ё нокифоягии додани об бо косаҳои обкаш;
е) камшавии додани об бо гилдиракҳалқаи бо об молидашаванда;
ж) вайрон кардани кори мутаъдили таҷҳизоти ёрирасон, агар бартарф намудани сабабҳои вайронкуни бо аз кор мондани агрегат имкон надошта бошад.
3.3.12. Қиммати ҳамаи параметрҳои маҳдудкунандаи бакордарои ва кори гидроагрегат бояд дар асоси маълумотҳои корхонаҳои истеҳсолкунанда ё озмоишҳои махсус ва нишондодҳо дар дастурамали маҳаллии тасдиқнамудаи сармуҳандиси неругоҳи обӣ- барқӣ, барқарор карда шуда бошанд.
3.3.13. Барои ҳар як агрегат бояд муайян карда шуда даври дар муҳлатҳои бо дастурамали маҳалли муқарраршуда вақти камтарини равандҳои зерин назорат карда шаванд;

маҳкамшавии дастгоҳи самтдеҳи гидротурбинаҳо то минтақаҳои оромсози, ҳангоми партофтани бор;
кушодани дастгоҳи самтдеҳи гидротурбинаҳо ҳангоми қабули бор бо суръати калонтарин;
маҳкам ва кушодашавии сузанҳои танзимкунанда ва ғайридиҳанадаҳои фавораи гидротурбинаҳои кафлезӣ;
маҳкамшавии дастгоҳи самтдеҳ ҳангоми ба кор даромадани забонаки маҳкамкунандаи садамавӣ;
маҳкамшавии ва кушодашавии ғалақаҳои турбини ё ғалақаҳои тезафтандаи дар оббарҳои турбини шинода шуда;
маҳкамшавии сардиҳии озоди гидротурбинаҳо

Ғайр аз ин, даври дар мувофиқа бо дастурамали маҳали бояд баландшавии калонтарини фишор дар оббарҳо ва зиёд намудани басомади гардиши агрегатҳо ҳангоми партофтани бор, муайян карда бошад.

3.3.14.Ларзиши конструксияҳои такявии гидроагрегат, инчунин дилак ва баданаи статори гидрогенератор бояд дар мувофиқа бо сиркуляри истифодабари «Дар бораи назорати ҳолати ларзишнокии гидроагрегатҳо» ва зиёд накардани қиммати ҷоизи муқаррарнамудаи «Нишондодҳои методи оид ба гузаронидани назорати истифодабарии ҳолати ларзишнокии ҷузъҳои конструктивии гидроагрегат», муайян карда шуда бошад.

Заниши навварди гидроагрегат набояд аз қиммати эҳтиётии дар дастурамали маҳалли сабтшуда, зиёд бошад.

3.3.15. Дар дастурамали маҳалли бояд барои ҳар як агрегат ҳарорати ҷоизи номинали ва максималии сегментҳои пошнадон, ғилдирак ҳалқаҳо ва равған дар равған зарфҳо нишон дода шуда бошад. Хабардеҳи огоҳкунанда бояд ҳангоми баланд шудани харорат то 5°C зиёда аз номиналӣ, пайваст шавад.

3.3.16. Дар раванди истифодабарии дастгоҳи гидротурбини бояд назорати доими аз болои ҷориши равған дар сиситемаи танзимкунии гидротурбинаи гардиши пуррадор барои роҳ надодан ба ифлосшавии акваторияи сатҳ (бьеф), ташкил карда шуда бошад. Дар ҳолати ошкор намудани ҷориши равған ба воситаи ҷафскунандаҳои парраҳои гидротурбина ,гидроагрегат бояд ба таъмир бароварда шавад.

3.3.17. Ҳангоми истифодабарии гидроагрегат бо роҳи муоина ва ченкунии мунтазам ба воситаи асбобҳои доими ва сайёр, бояд аз болои кори таҷҳизотҳо дар хаҷм ва бо даврияти дар дастурамали маҳалли нишондодашуда, назорат ташкил карда шавад.

3.3.18. Ҳангоми руидани асбобҳо дар қубурҳои техники обтаъминкуни, бояд чораҳои бартарафасози, тозакунии онҳо ва химоя аз руидани алафҳо қабул карда шавад.
3.3.19.Таъмири комили гидротурбинаҳо бояд 1 бор 5-7 сол гузаронда шавад.

Дар ҳолатҳои алоҳида бо иҷозати ҷамъияти знергетики майл кардан аз муҳлатҳои муқарраршуда, иҷозат дода мешавад.

## 3.4. Таъминоти техникии об

3.4.1. Ҳангоми истифодабарии системаҳои техникии обтаъминкуни бояд таъмин карда шавад:

мунтазам додани оби хунуккунандаи ҳарорати меъёри дар ҳаҷми заруриі ва сифати талабшаванда;

бартарафсозии ифлосиҳои конденсаторҳои турбинаҳо ва системаи обтаъмикунии техники;

иҷро шудани талаботҳои ҳифзи муҳити зист.

3.4.2. Барои бартараф намудани ташкилёбиии бокимондаҳои таҳшиншудаи найчаҳои (трубкаҳои ) конденсаторҳои турбинаҳо ва дигар аппаратҳои табдилдеҳи гарми, зангхури, руидан дар системаи техники обтаъминкунии <<гулкуни >> -и об ё руидани обсабзаҳо ва растаниҳои баланд дар обанбор-хунуккунандаҳо, бояд чораҳои пешгиркунанда гузаронида шавад.

Интихоби чорабиниҳо бояд бо шароити маҳал, инчунин самарабахшии ҷоизи чораҳо аз рӯи шартҳои ҳимояи муҳити атроф ва фаҳмиши иктисоди муайян карда шавад.

Даври тозакунии найчаҳо трубакчаҳои конденсаторҳо, оббарҳо ва каналҳои сиркулятсиони мумкин чун чораҳои мувафаққати истифода бурда шаванд.

Нобуд кардани растаниҳои баланди оби ва мубориза бо <<гулкуни>>-и об дар обанборҳо-хунуккунандаҳо бо усули кимиёи, танҳо бо иҷозати макомотҳои назоратии давлатии санитари-эпидемологи ва мақомотҳои моҳипарвари рухсат дода мешавад.

3.4.3. Дар ҳолати қобилияти карахшпайдокуни доштани оби хунуккунанда, корманди истифодабаранда бояд:

а) дар системаи гардишкунандаи обтаъминкуни бо асбобҳои хунуккунанда ва пошдиҳандаи об:

гузаронидани дамдиҳи, туршкуни, ё ин ки фосфатонии об ё истифода бурдани методҳои омехтан коркарди он туршкуни, фосфатони ва оҳак-доркуни ва ғайра;

ҳангоми туршкунии оби иловаги бо сулфат ё туршии намак бо ишкор буфер дар он на кам аз 1,0-1,5 мг-экв/кг нигоҳ дошта шавад;

ҳангоми бевосита ба оби гардишкунанда омехта кардани кислота, ишкордории он на пастар аз 2,0-2,5 мг-экв/кг нигоҳ дошта шавад;

ҳангоми истифодаи кислотаи сулфат назорат кардан лозим, ки нигаҳдории сулфат дар оби гардишкунанда ба сатҳи бавуҷудовардани вайроншавии конструксияҳои бетони ё тахшин шудани сулфати калси нарасад;

ҳангоми фосфатнок кардани оби ҳисоби $PO^{3-4}$ дар ҳудуди 2,0-2,7мг/кг нигоҳ дошта шавад;

ҳангоми истифодабарии кислотаи оксилидендифосфони таркиби он дар оби гардишкунанда вобаста ба таркиби кимиёи дар ҳудуди 0,25-4,0 мг/кг нигоҳ дошта шавад; дар оби давомдодашаванда нигаҳдории ин кислота аз ПДК то 0,9 мг/кг кам карла шавад;

б) дар системаи гардиши обтаъминкуни бо обанборҳо-хунуккунандаҳо;

амали кардани обивазкуни дар давраи беҳтарин будани сифати об дар манбаи таъминоти; ҳангоми набудани имконияти паст кардани сахтии карбонатии оби хунуккунанда то қиммати талабшаванда бо роҳи обивазкуни (инчунин дар системаи ҷориши рости обтаъминкуни) бо бакордароии энергоблоки аввали дастгоҳ барои шустани туршии конденсаторҳои турбина ва барои тоза кардани моддаҳои шуянда, пешбини карда шавад.

3.4.4. Ҳангоми хлорзании оби хунуккунанда барои бартараф намудани ифлосиҳои гармиивазкунандаҳо аз тахшинҳои органики хлори фаъол дар таркиби об дар баромадгоҳи конденсатор бояд дар худуди 0,4-0,5 мг/кг бошад.

Дар системаи техниикии обтаъминкунии ростҷараён ва баръакси гардишкунанда бо обанборҳо-хунуккунандаҳо барои бартараф намудани мавҷудияти хлори фаъол дар оби равони каналҳо хлорзани бояд бо додани маҳлули хлор ба оби хунукшудаи ба як-ду конденсатор воридшаванда, иҷро карда шавад.

3.4.5. Ҳангоми коркарди об бо даҳани фаранг (медный купорос) барои нобуд кардани растаниҳои дар об руида дар системаи гардиши оби хунуккунанда ва асбоби пошдиҳанда (бризгальный) нигоҳдории он дар оби хунуккунанда бояд дар ҳудуди3-6 мг/кг бошад. Партофтани оби дам (пуф) дода шуда аз системаи гардишкунандаи обтаъминкуни дар иншоотҳои оби ҳангоми бо даҳани фаранг (медный купорос) коркард шудан, бояд дар мувофиқа бо <<Қоидаҳои ҳимояи сатҳи болои об аз ифлосшавии обҳои ҷоришаванда>>, амали карда шавад.

Ҳангоми коркарди об дар анборҳо–хунуккунандаҳо барои мубориза бо << гулкуни >>микдори даҳани фарҳанг бояд дар ҳудуди 0,3-0,6 нигоҳ дошта шавад ,ҳангоми коркарди пешгиркунанда 0,2-0,3 мг/кг, бошад.

3.4.6.Ҳангоми дар системаи техники обтаъминкуни (сатҳи панҷараҳои дурушт,ҷузъҳои конструктивии турҳои обтозакуни, обқабулкунакҳо ва ҳуҷраҳои обкаш ва обдароҳои фишори) руидани молюсскаҳо ва дигар организмҳои биологи бояд болопуши наруянда истифода шавад, бо оби гарм шустани роҳҳои калон, хлорзани кардани оби хунуккунандаи ба таҷҳизотҳои ёрирасон дохилшаванда бо нигоҳ доштани миқдори вояи (дозаи) хлори фаъол 1,5 -2,5 мг/кг дар давоми 4-5 шабонаруз 1 бор дар 1,5 моҳ гузаронида шавад.

3.4.7. Истифодабарии иншоотҳои гидротехники системаи техникии обтаъминкуни, инчунин назорати ҳолати онҳо бояд дар мувофиқа бо талаботҳои б.3.1. амали карда шаванд.

3.4.8. Кори таҷҳизотҳо ва хунуккунандаҳои оби сиситемаи техникии обтаъминкуни бояд иҷрои талаботҳои б.3.4.1-ро оид ба истифодаи дастгоҳҳои конденсатсиони, таъмин намояд.

Ҳамзамон бояд талаботи соҳаҳои ғайриэнергетикии хоҷагии халқ (нақлиёти оби, обёрикуни, хоҷагии моҳидори, об таъминкуни) ва шартҳои ҳифзи табиат ба ҳисоб гирифта шуда бошад.

3.4.9. Ҳангоми бо ҷориши рост, омехта ва баръакс гардишкунанда будани обтаъминкуни бо обанборҳо-хунуккунандаҳо, бояд барои мубориза бо яхчаҳо ва гарм кардани панҷараҳои обқабулкунанда истифодаи оби гарми ғайри гардиши (ресиркулиятсия), амали карда шавад. Ресеркулиятсия бояд пайдо шудани яхчаҳои дар обгир бартараф намояд; лаҳзаи пайваст намудани он, бояд бо дастурамали маҳаллӣ муайян карда шавад.

3.4.10. Даврияти баровардани ҳаво аз роҳҳои гардишкуни бояд тавре бошад, ки баландии сифонии дар онҳо буда аз 0,3м муқобили қиммати лоиҳави кам нашавад.

3.4.11. Майлкунии фишори наноси гардишдиҳанда бо сабаби ифлос будани система набоядаз 1,5м зиёд аз қиммати лоиҳави, бад шудани зариби амали муфиди (ЗАМ) (КПД) насосҳо бо сабаби зиёд шудани роғҳои байни парраҳои чархи кори ва баданаи насос ва мутобиқат надоштани ҳолати парраҳои чархи кори бояд на зиёда аз 3% бошад.

3.4.12. Ҳангоми истифодабарии хунуккунандаҳои оби гардишкунанда бояд таъмин бошанд:

речаи мусоиди кор бо шароити ба даст овардани фоиданоктарин (иктисоди) вакуум;

самаранокии хунукии мувофик ба тавсифоти меъёри.

3.4.13. Реҷаи мусоиди кори хунуккунандаҳои оби (гидроохладителей), иншоотҳои обгир ва обпарто бояд дар мувофиқа бо харитаҳои реҷавии барои шароитҳои мушахасси метрологи ва борҳои конденсатии неругоҳи барқи интихоб карда шаванд.

Ҳангоми зиёд кардани ҳарорати миёнаи шабонарузии оби хунуккунанда, баяд аз хунуккунанда зиёда аз 1°С нисбат ба талаботи тавсифоти меъёри, бояд барои муайян ва бартараф намудани сабабҳои то меъёр хунук нашудани об, чораҳо қабул карда шаванд.

3.4.14. Ҳангоми пайдо шудани растаниҳои баланди оби дар минтақаи транзитии ҷараёни об ва дар минтақаҳои гирдобдори обанборҳо – хунуккунандаҳо, онҳо бояд бо методҳои биологи ё механики нобуд карда шаванд.

3.4.15. Муонаи конструксияҳои асосии манораи обхунуккуни (ҷузъҳои бурч, даҳлези зиддияхбанди, обгир, обдеҳ, асбоби обтақсимкуни ва таҷҳизоти ҳавотозакуни) ва асбобҳои пошанда, бояд ҳамасола дар давраи баҳор тирамоҳ гузаронида шавад.

Нуқсонҳои ошкоргардида (сурохиҳо дар руйбасти манора, обдеҳ, ҳолати ғайриканоатбахши қайдгирҳои ҳолати лавҳаҳои гардиши даҳлез, асбобҳои пошандаи тақсимкунаки об) бояд бартараф карда шаванд. Лавҳаҳои гардиши даҳлезҳо ҳангоми мусби будани ҳарорати ҳаво бояд дар ҳолати уфуқӣ шинонда ,ба қайд гирифта шаванд.

Пуши зидди зангхӯрии конструксияҳо филизи бояд аз руи зарурат барқарор карда шавад.Ҳавзхои обгир, инчунин варақаҳои азбестусементии руйбасти манораи хунуккунанда бояд онққории боэътимоди гидроиқ дошта бошанд.

3.4.16. Системаи обтақсимкунии манораҳои оби ва ҳавзҳои пошдиҳанда бояд на кам аз 2 бор дар сол – баҳор ва тирамоҳ шуста шаванд. Сoплаҳои ифлосшуда бояд саривақт тоза карда шуда, аз кор баромадаҳо иваз карда шаванд. Ҳавзаҳои обгир бояд на кам аз 1 бор дар 2 сол аз лойқа ва партовҳо тоза карда шаванд.

3.4.17. Ҳангоми таъмир конструксияҳои чубини манораҳои обхунуккуни бояд бе сироят карда шуда, ҷузъҳои маҳкамгир руҳ давонда шаванд.

3.4.18. Конструксияҳои манораи обхунуккуни бояд аз таҳшинҳои минерали ва органики тоза карда шавад.

3.4.19. Панҷараҳова турҳои манораи обхунуккуни ва асбобҳои пошдиҳанда бояд 1 бор дар баст аз назар гузаронида шаванд ва ҳангоми зарурат тоза карда шаванд,то ин ки оббанд дар онҳо ба зиёда аз 0,1 м роҳ дода нашавад.

3.4.20. Ҳангоми истифодаи манораи обхунуккуни ва асбобҳои пошдиҳанда, дар шароити зимистон ях бастии ҷузъҳои конструктиви хунуккунанда ва ҳудуди таалуқдошта иҷозат дода намешавад.
3.4.21. Ҳангоми дар системаи техникии обтаъминкуни мавҷуд будани якчанд манораи обхунукунаки мувози (параллел) коркунанда ва дар зимистон кам шудани сарфаи умуми оби хунуккунанда, қисми манораи обхунукунанда бояд бо иҷро намудани чораҳои сухторнишони ва дигар чораҳои зарури, аз кор боз мононда шавад. Барои пешгири намудани яхбандии обдеҳ зичии обдеҳи дар манораи обхунуккунаки фаъолият дошта бояд на кам аз 6м$^3$/с дар 1 м$^2$ майдони обёри бошад. Ҳарорати об дар баромади манораи обхунуккуни на пасттар аз 10$^0$С бошад.
3.4.22. Барои пешгири намудани яхбандии таҷҳизоти дар наздики ҷойгиршуда, ҷузъҳои конструктиви ва ҳудуд асбобҳои дар давраи зимистон пошдиҳанда бояд бо фишори паст кор кунанд. Ҳангоми кам кардани сарфи об бояд соплаҳои атроф хомуш карда шуда, қубури тақсимкунанда охирин қатъ карда шуда бошад.

Паст кардани фишор дар соплаҳои пошдиҳанда бояд бо роҳи кам кардани сарфи умумии оби хунукшаванда дар шумораи бисёртари бахшҳои коркунанда, инчунин ҷудо кардани як қисми оби гармкардашуда бе хунук кардан ва холи партофтани он бевосита ба ҳавзи обгир. Ҳарорати об дар баромади асбоби пошдиҳанда бояд на кам аз 10$^o$С бошад.
3.4.23. Ҳангоми ба муддати кутоҳ хомуш намудани манораи обхунуккуни ё асбоби пошдиҳанда дар давраи зимистон бояд гардиши оби гарм дар ҳавз барои дар он бартараф намудани ташкилёбии яхпораҳо, таъмин бошад.
3.4.24. Дар ҳолати мувафаққатан аз истифодабарии боз мондани манораи обхунуккуни бо ҷузъҳои конструксияи чубин, тирезаи ҳавогузар дар онҳо бояд маҳкам бошад ва баъд аз манораи обхунуккуни назорати зиддисухтор муқаррар шуда бошад.
3.4.25. Муоинаи муфассали қолибҳои филизии манораҳои кашанда ва манораи хунуккунанда бо руйбасти чубин, бояд – на кам аз 1 бор дар 10 сол, пардаҳои (ғилофаҳои) оҳануқирӣ – на кам аз 1 бор дар 5 сол, гузаронида шавад.

**Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, ки барои истифодабари ҳангоми гузаронидани санҷиши иншоотҳои гидротехникӣ дар рафти истифодабарии онҳо тавсия дода мешавад.**

1. Қонуни Ҷумҳӯрии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳо гидротехникӣ» аз 29 декабри 2010с. №666.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷишӣ фаъолияти субъектхои хоҷагидор» аз 28 июли 2006с. №194.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29.ноябри.2000с. № 33
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатари аз сухтор» аз 20 марти 2008с. №363.
5. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри 2000с. №34.
6. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри 1996с. №326.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи масъалаҳои бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ».
8. Қоидаҳои маҳфуз доштан ва барҳам додани иншооти гидротехникӣ.
9. МҚШ ҶТ 32-05-2015 «Нақбҳои роҳҳои оҳан, роҳҳои автомобилгард ва гидротехникӣ».
10. МҚШ ҶТ 33-01-2012 «Сарбандҳои бетонӣ ва оҳану бетонӣ»
11. МҚШ ҶТ 33-02-2012 «Иншооти гидротехникӣ. Муқарароти асосии лоиҳакаши».
12. МҚС ҶТ 21-01-2007 «Бехатарии биноҳо ва иншоотҳо аз сухтор»
13. МҚС ҶТ 2.06.08-87 «Конструкцияҳои бетони ва оҳану бетонии иншоотҳои гидротехникӣ».
14. Тартиби ташкил ва танзими кори комиссияи коршиносон оиди гузаронидани ташхиси давлатии эъломияи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ.
15. Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодабарии хоҷагиҳои партовгоҳҳои дажғол.